Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)

Рисолаи диссертатсионии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ" ба яке аз масъалаҳои муҳими методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ – проблемаи инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия мавқеи худро доир ба ҷустуҷӯи роҳҳои наву самарабахши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ муайян карда, дар рисола мафҳумҳои "салоҳият", "салоҳиятмандӣ", "салоҳиятмандии байнифарҳангӣ" аниқ ва аз нуқтаи назариявӣ асоснок карда шудааст. Майлу рағбати донишҷӯён ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, технологияҳои педагогии инноватсионӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ муайян ва меъёрҳои нишондиҳандаи рағбатнокии донишҷӯён ба маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор карда шудааст.

Чӣ хеле ки муаллифи рисола иброз медорад, таҳлили маҷмӯии корҳо дар ин соҳа имконият медиҳад воқеияте тасдиқ карда шавад, ки як қатор олимон салоҳиятмандии байнифарҳангиро ҳамчун маърифати шахсиятии ҳамгироӣ тафсир менамоянд, ки он қисматҳои умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, забонӣ-иҷтимоӣ-фарҳангиро шомил мебошад ва инҳо, дар навбати худ, маҷмӯи муайяни донишҳо ва маҳоратҳоро фаро мегиранд.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабова Ф.С. ба далели он, ки ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ва иттилоот бо ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташаккул ва худшиносии шахсияте, ки қодир аст барои муоширати озод дар ҷаҳони бисёрфарҳангӣ ва ҳамкориҳои байнифарҳангӣ ва фаъолияти муштарак бо намояндагони халкхои дигар, инчунин шахсияте, ки фикри интиқодӣ дорад ва ба сарватхои маънавӣ ва моддии фарҳанги ватанию хориҷӣ баҳо дода метавонад.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ қайд кадааст, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ қисми чудоинопазири раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ мебошад. Дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ захираи назарраси донишҳо барои ба миён гузоштан ва пажӯҳиш кардани проблемаи мазкур андӯхта шудааст. Масъалаҳои салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии ин ё он миллат, зарурати инкишофдиҳии ҳусни таваҷҷуҳ ва парвариши таҳаммулпазирӣ дар муносибат бо дигар халқҳо дар осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мисли: Л. Г. Веденина, А. А. Вербитский, Н. Д. Галскова, О. Ю. Искандарова, И. И. Лейф, Л. М. Митина, П. В. Сисоев, И. И. Халеева, С. Г. Тер-Минасова, В. В. Сафонова, Т. Г. Стефаненко, Э. Холл, Г. Фишер, Р. Д. Люис ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия максад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, объект ва предмети тадкиқот, гипотеза, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот муайян карда шуда, он ифодаи идеяи консептуалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии мукарраротн илмиро дар бар мегирад, хулоса ва тавсияҳои методӣ, тавсифи марҳилаҳои таҳқиқот ва иштироки шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумоти зарурӣ дар бораи озмоиши таълимӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ҷой дода шудаанд.

Фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок мубаддал гардида, унсури муҳимми

омодасозии касбии мутахассиси ояндаи забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ҷузъи муҳими таркибии ин раванд салоҳияти байнифарҳангӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи донишу арзишҳои муносибати байнифарҳангӣ ва принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Робитаҳои байнифаннӣ мебоист возеҳтар матраҳ мегардиданд.
2. Дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ҷой доранд.

Вале ғалатҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Пиров Қурбоналӣ

Имзои НИП, дотсент Қ.Пировро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
20.11.2023 с.

Маълумот барои тамос:
Суроға: ш. Душанбе, н.Сино, к. Муҳаммадиев 64.
Тел: (+992) 934 380 800